# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Изатуллоев Сафарали дар мавзӯи: Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чорводорӣ дар байни дигар соҳаҳо аз рӯйи маҳсулнокӣ ва самти истифодабарӣ ҷойи намоёнро ишғол намуда, аз рушду инкишофи он таъмини амнияти озуқавории мамлакат, вазъи иқтисодии мардум, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва иҷроиши проблемаҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ вобастагӣ дорад.

Дар Тоҷикистон ин соҳа дар қатори соҳаи растанипарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимтарини истеҳсолоти кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, бо мақсади таъмини аҳолӣ бо гӯшту шир ва дигар маҳсулоти ғизоӣ, онро минбаъд тараққӣ додан шарт ва зарур аст.

Дар ҳалли ин масъалаи зарур, вазифаи асосиро соҳаи чорвои калони шохдор мебозад, ки аҳолии мамлакатро бо маҳсулоти пурқимати ғизоӣ аз қабили гӯшту шир таъмин менамояд. Барои зиёд кардани саршумори чорво, баланд бардоштани маҳсулнокии он, пеш аз ҳама таъсири омилҳои гуногун бояд омӯхта шаванд.

Бори аввал аз тарафи муаллиф дар шароити парвариши чарогоҳӣ дар се гурӯҳӣ чорво: чорвои маҳаллии зебушакл, дурагаҳои зоти сарсафеди қазоқӣ ва чорвои маҳаллӣ ва типи говҳои сергӯшти тоҷикӣ рушду инкишоф, маҳсулнокии гӯштӣ, таркиби химиявӣ ва биохимиявии гӯшт, таркиби морфологӣ, арзиши ғизоии гӯшт, сифати пӯст, хусусиятҳои молию технологии пӯст омӯхта шудааст.

Муаллиф исбот намудааст, ки вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳи I ҳангоми таваллуд 20,3 кг, гурӯҳи II - 25,0 кг ва гурӯҳи III - 25,3 кг буд. Дар буққчаҳои гурӯҳи III бартарӣ дар динамикаи вазни зинда нисбат ба давраҳои синну соли минбаъда мушоҳида шуд. Масалан, дар синни 20 моҳагӣ, ин бартарӣ дар байни гурӯҳҳо, мутаносибан, 15,21% ва 1,88% буд. Ба ҳамаи гуруҳҳои буққачаҳои генотипҳои омӯхташуда давраи синну сол аз 0 то 18 моҳ бо афзоиши баланди шабонарӯзии вазн хос бошад ҳам, дар ин давра буққачаҳои гурӯҳи III бартария нишон доданд. Муаллиф исбот намудааст, ки суръати афзоиши буққачаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ вобаста ба синну сол фарқ мекунанд. Суръати афзоиши вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳи I аз 8 то 12-моҳа назар ба гурӯҳҳои II ва III 12,42 ва 23,16 фоиз зиёд буд. Аз 12 то 20 моҳ суръати нисбии афзоиши буққачаҳои гурӯҳи III - 60,13 % ташкил намудааст, ки нисбат ба гуруҳҳои I ва II, мутаносибан, 19,03 ва 12,46 % зиёд буд. Аз давраи таваллуд то 20-моҳа суръати афзоиши нисбии буққачаҳои гурӯҳи II - 175,60 фоиз, буққачаҳои гурӯҳи III - 175,43 фоиз, буққачаҳои гурӯҳи I - 163,70 фоизро ташкил дод.

Вазни зиндаи буққачаҳо пеш аз фарбеҳкунӣ вобаста ба гурӯҳҳо мутаносибан 235,5 кг, 254,4 кг ва 260,8 килограммро ташкил дод. Тағйирёбии генотипӣ дар охири давраи фарбеҳкунӣ ба вуҷуд омада, вазни зиндаи буққачаҳо гурӯҳи III - 104,5 кг, гурӯҳи I - 92,2 ва гурӯҳи II - 94,3 кг зиёд гаштааст.

Ҳангоми аз чарогоҳ бозгаштан вазни зиндаи миёнаи буққачаҳои гурӯҳи I - 327,7 кг, гурӯҳи II - 348,7 кг ва гурӯҳи III - 365,3 кг-ро ташкил намуд.

Афзоиши миёнаи шабонарӯзӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III - 649 г-ро ташкил намуд, ки ин нишондод нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи I (573 г) ба миқдори 73 г ва нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи II (583 г) ба миқдори 66 г бартарӣ доштанд ($P<0,001$).

Маълумотҳои овардашуда, дар маҷмӯъ, самаранокии баланди истифодаи чарогоҳиро дар парвариши буққачаҳо бе истифодаи хӯроки консентратӣ нишон медиҳанд. Ба ин муносибат бояд гуфт, ки ин хусусияти яке аз сифатҳои пурқимати биологӣ ва хоҷагидориест, ки ба чорвои ин гурӯҳҳо хос аст.

Таҳқиқоти илмии Изатуллоев Сафарали пурра, кори баанҷомрасидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, дар сатҳи илмӣ ва методии муосир иҷро гардида, аз ҷиҳати мубрамият, навгонии илмӣ, аҳамияти амалӣ, пешниҳодот ва хулосаҳои илман асоснокшуда, нашри басандаи мавод ба талаботи пешниҳодкардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 37 Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, худи муаллифи он – Изатуллоев Сафарали барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ, аз рӯи ихтисоси 4.2.2- Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
директори Филиали Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ дар вилояти Суғд,
доктори илмҳои кишоварзӣ _____________Қосимов М.А.

Имзои М.А. Қосимовро тасдиқ мекунам:
сардори шӯъбаи кадрҳои Филиали Институти чорводорӣ
ва чарогоҳи АИКТ дар вилояти Суғд _____________ Юлдашева Д.А.
Суроға: 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Б. Ғафуров, маҳаллаи 120
Тел.: (+992)92-770-76-24
Тел.:E-mail: matazim.k@gmail.com